PLITONIT
ПРОФЕССИОНАЛ БУДАН ОСОН АСТ

Plitonit Deutsche Qualität

## PLITONIT Mosaic White – омехтаи хушки рӯйкашкунии ширеҷии сафед C1 TE аз рӯи Стд Р 56387




Маҳсулот барои часпонидани ҳамаи намудҳои кошини шишагин, керамикӣ, сангӣ ва ороишӣ, лавҳаи хурдандоза аз мармар, инчунин лавҳаи рӯйкагии керамикӣ дар сатҳҳои деворҳо ва фаршҳо аз бетон, оҳану бетон, бетони ҳуҷайрадор, хишт, гаҷтахта, ғӯрагаҷҳои сементӣ, оҳаку сементӣ ва гаҷӣ ҳангоми иҷроиши корҳои дарунӣ ва берунӣ таъин гардидааст. Барои рӯйкашкунии фаршҳои гармшаванда ва ҳавзҳои пӯшида бо ҳаҷми то 50 $м^3$ бо кошин аз шишаи фишурдашуда татбиқ мешавад. Дорои пластикии баланди барои рӯйкашкунӣ бо кошин, инчунин тобоварӣ ба об ва сармо мебошад. Мавод барои истифода ба таври максималӣ қулай аст. Фосилаи васеъи ғавсии чоки ширеҷӣ имконияти ҳам бо кошин, ҳам бо лавҳа аз санги табиӣ имконият медишад. Ранги аслии маводҳои рӯйкаширо тағйир намедиҳад.

**Бандубасткунӣ — 25 кг.**

- адгезияи баландшуда – 1МПа
- ранги сафед
- Вақти кушодаи зиёдкардашуда 30 – дақиқа
- роҳравӣ ва соидан аллакай баъд аз 24 соат

### Хароҷоти мавод

1,2-1,4 кг/$м^2$ ҳангоми ғавсии қабати молидан 1 мм

| Дарозии ҷониби баландтари лавҳа, мм | то 108 | 109-200 | 201-250 | 251-300 | аз 300 |
|---|---|---|---|---|---|
| Баландии дандонаи андоваи пӯлодин, мм | 4 | 6 | 8 | 10 | 12 |
| Хароҷоти омехтаи хушк ба 1$м^2$, кг аз | 2,65 | 3,98 | 5,3 | 6,63 | 7,95 |
| Майдони лавҳаи ҷобаҷокардашуда ҳангоми истифодабарии 25 кг ширеҷ, $м^2$ аз | 9,4 | 6,3 | 4,7 | 3,8 | 3,1 |

Хароҷоти мавод ҳангоми кор дар сатҳи ҳамворкардашуда, бе назардошти исроф нишон дода шудааст ва вобаста аз усули молидан, ноҳамвории асос ва малакаи касбии иҷрокунандаи корҳо тағйир ёфта метавонад.

### Шартҳои гузаронидани корҳо

Ҳангоми гузаронидани корҳо ва дар давоми 3 шабонарӯзи баъдина, ҳарорати ҳаво, асос ва лавҳа бояд дар фосилаи аз +5°C то +30°C бояд бошад. Ҳарорати омехтаи маҳлулӣ дар ҷараёни гузаронидани корҳо бояд +10°C то +30°C бошад.

### Омодакунии асос

Асос тахти рӯйкашкунӣ бояд мустаҳкам, аз ифлосӣ, чанг, равғанҳо, чарбуҳо, ҳамаи намудҳои рангҳо ва ширеҷҳо, инчунин унсурҳои ҷудошаванда тоза карда шуда бошад.

Асосҳои гаҷӣ ва сатҳҳо бо обҷаббии баландро пеш аз оғози корҳои рӯйкашкунӣ бо таҳранги ПЛИТОНИТ Таҳранг тибқи дастурамали истеҳсолкунанда коркард кардан лозим аст. Корҳои баъдина баъд аз пурра хушк шудани таҳранг иҷро карда мешаванд.

**Омодакунии омехтаи маҳлулӣ**

Барои омехтакунии омехтаи хушк обро аз обтаъминкунии нӯшокӣ истифода бурдан лозим аст. Таносуб ҳангоми аралашкунӣ: ба 1 кг омехтаи хушки ширеҷ 0,24-0,26 л об (6,0-6,5 л ба 25 кг) талаб карда мешавад Омехтаи хушкро ба миқдори пешакӣ ченкардашудаи оби ҳарорати хона резед ва дар давоми 2-3 дақиқа бо ёрии миксери барқӣ ё ки пармаи барқӣ бо мулҳақа бо суръати даврзанӣ на беш аз 600 гардиш/дақиқа то гирифта шудани консистенсияи якхела омехта кунед. То таҳшин шудани омехтаи маҳлулӣ 5 дақиқа интизор шуда, такроран омехта кунед. Ҳангоми омехтакунии такрорӣ илова кардани об то қимати максималии таносуби дар боло нишондодашуда иҷозат дода мешавад. Вақти истифодабарии омехтаи маҳлулии ширеҷӣ на бештар аз 4 соат (бодғарҳо ва ҳарорати баланд ин вақтро кӯтоҳ мекунанд).

**Тартиби кор**

Омехтаи омодаи маҳлулиро ба асос бо ёрии андоваи филизии силлиқ баробар молед ва сохтори шонамонандро бо андоваи дандондор диҳед (андозаи дандонаҳои андова аз андоза ва намуди лавҳа вобаста мебошанд). Омехтаи маҳлулиро ба чунин майдон бояд молид, ки онро бо лавҳа дар давоми 30 дақиқа (вақти кушоди корӣ) рӯйпӯш кардан мумкин бошад. Дар ҳолате, агар дар сатҳи ширеҷи молидашуда қишри хушкшуда ҳосил шуда бошад, омехтаи маҳлулиро аз сатҳ гирифтан ва ба наваш иваз кардан лозим аст. Лавҳаро ба омехтаи маҳлулии ширеҷӣ ҷобаҷо кунед ва бо ҳаракатҳои хурди гардишӣ ба он пахш кунед. Мавқеъи лавҳа бояд дар давоми 20 дақиқаи оянда таҳрир карда шавад. Бодғарҳо, ҳарорати баланд, инчунин қобилияти пурзӯри ҷаббиши сатҳ вақти кушоди кор ва вақти саҳеҳкуниро кам мекунанд. Лавҳа бо чокҳои кушод бо баробаркунӣ бо лавозимоти мутобиқ ҷобаҷо карда мешавад. Ҳангоми рӯйкашкунии лавҳаҳо бо баландии релефи ҷониби оқиб бештар аз 2 мм ё ки андозаи бештар аз 30х30 см, барои пешгирии холигиҳо таҳти лавҳа ва барои баландкунии мустаҳкамкунии пайвастшавӣ, молидани ширеҷ бо усули комбинатсияшуда (ҳам ба асос, ҳам ба ҷониби оқиби лавҳа) зарур аст. Ба асос ширеҷ тавре, ки дар боло тавсиф шудааст, молида мешавад. Ба ҷониби оқиби лавҳа, ширеҷ аввал бо андоваи пӯлодини дандондор молида мешавад, баъдан бо андоваи пӯлодини ҳамвор ба тамоми майдони лавҳа баробар карда мешавад. Хароҷоти маовд ҳангоми усули комбинатсиягардида ба 1,4 кг/м² ҳангоми ғавсии қабат 1 мм меафзояд.

**Диққат**

Роҳравӣ дар фарши рӯйпӯшкардашуда ва молидани чок на пештар аз 24 соат иҷозат дода мешавад. Тавсифномаҳои нишондодашудаи муваққатӣ дар ҳарорати муҳити атроф 20±2°С, намии нисбии ҳаво 60±10% эътибор доранд ва дар дигар шароити ҳароратӣ-намнокӣ тағйир ёфта метавонанд. Ҳангоми иҷроиши корҳо аз дастурамалҳо оид ба бурдани корҳои умумисохтмонӣ ва техникаи бехатарӣ дар сохтмон дастур бояд гирифт. Пеш аз оғози ҷобаҷокунӣ лавҳаро нам накунед, ҷониби оқиби лавҳаро аз чанг ва ифлосиҳо тоза кунед. Дар ҷараёни гузаронидани корҳо омехтаи маҳлулӣ бояд давра ба давра омехта карда шавад. Иловакунии иловагии об ба омехтаи маҳлулӣ омода манъ аст.

**Чораҳои эҳтиёт**

Омехта ба дараҷаи 4-уми хатарнокӣ (моддаҳои камхатар) аз рӯи СтД 12.1.007 мансуб аст. Ҳангоми иҷроиши корҳо аз дастпӯшакҳо, айнакҳои муҳофизатӣ, воситаҳои ҳифзи аъзоҳои нафасгирӣ истифода баред. Расидани омехта ба пӯст ва чашмонро пешгирӣ кунед. Ҳангоми ба чашмон расидан дарҳол онҳоро бо миқдори зиёди об шӯед. АЗ КӮДАКОН ЭҲТИЁТ КУНЕД.

**Шартҳои кашонидан ва нигоҳдорӣ**

Омехта дар воситаҳои пӯшидаи нақлиётӣ тибқи қоидаҳои кашонидани борҳо ҳамлу нақл карда шавад. Лимчаҳо бо омехтаи хушк дар биноҳои пӯшидаи хушки таъминкунандаи маҳфузии бандубаст ва пешгирӣ аз намнокӣ нигоҳ дошта шаванд. Муҳлати нигоҳдорӣ дар тараи истеҳсолкунанда – 12 моҳ аз рӯзи истеҳсол.

**Таркиб**

Рег, портландсемент, пуркунандаи минералӣ, иловаҳои модификатсиякунанда.

**Кафолати истеҳсолкунанда**

Истеҳсолкунанда мутобиқати омехтаро ба талаботи СтД Р 56387, дараҷаи С1 ТЕ ва ШТ 23.64.10205-51552155-2020 ҳангоми аз ҷониби истеъмолкунанда риоя карда шудани шартҳои ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва нишондодҳои дастурамали мазкур кафолат медиҳад. Истеҳсолкунанда ҳангоми риоя накардан ба технологияи корҳо бо мавод, инчунин татбиқ гардидани он бо мақсад ва шартҳои бо дастурамали мазкур пешбининагардида ҷавобгарӣ надорад. Фарқият аз вазни холис тибқи СтД 8.579-2002. Маҳсулот барои истифода дар ҳамаи намудҳои сохтмони шаҳрвандӣ иҷозат дода шудааст (Аэфф<370 Бк/кг, аз рӯи НРБ-99/2009 СанПиН 2.6.1.2523–09).

**Тавсифномаи техникӣ**

| | |
|---|---|
| Фраксияи максималии пуркунанда | 0,63 мм |
| Ғавсии максималии чоки ширеҷӣ | 10 мм |
| Миқдори об<br>ба 1 кг омехта<br>ба 25 кг омехта | 0,24 -0,26 л<br>6,0-6,5 л |
| Реҷаи ҳароратии истеҳсоли корҳо | аз +5°С то +30°С |
| Вақти кушоди кор, на кам аз | 30 дақиқа |
| Вақти таҳриркунии лавҳа, на кам аз | 20 дақиқа |
| Қобилияти ҳаёти омехтаи маҳлулӣ | 4 соат |
| Имконияти гузаронидани корҳои соидан, баъд аз | 24 соат |
| Реҷаи ҳароратии истифодабарӣ, то | Аз -50°С то +70°С |
| Тамға аз рӯи мустаҳкамӣ ба фишурдан, на кам аз | М50 |
| Тамға аз рӯи тобоварӣ ба сармо, на кам аз | F100 |
| Мустаҳкамии пайвастшавӣ баъд аз нигоҳдорӣ дар муҳити ҳавой-хушк, баъд аз 28 соат | ≥1,0 МПа |
| Мустаҳкамии пайвастагии ширеҷӣ баъд аз нигоҳдорӣ дар муҳити обӣ | ≥0,5 МПа |
| Мустаҳкамии пайвастагии ширеҷӣ баъд аз нигоҳдорӣ дар ҳароратҳои баланд | ≥0,5 МПа |
| Мустаҳкамии пайвастагии ширеҷӣ баъд аз яхкунонии давравӣ ва аз ях фаромадан | ≥0,5 МПа |
| Вақти кушод тавассути мустаҳкамии пайвастшавӣ бо асос, баъд аз нигоҳдорӣ дар муҳити ҳавой-хушк | ≥0,5 МПа |
| Дараҷи ширеҷ аз рӯи СтД Р 56387 | С1 ТЕ |

**Иттилооти логистикӣ**

Штрих-коди индивидуалӣ 4607013046160

Миқдори халтаҳо дар паллет – 48 дона

**Добавлено примечание ([M1]):**